ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019

10 декабри соли 2022 **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (**Роҳбари илмӣ** – Зоир Ҷурахон Маҷидзода, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Сафарзода Анвар Ислом – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ва Зокирзода Зафар Хайрулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.ҳ., профессор, Азиззода У.А., д.и.ҳ., профессор, Абдухамитов В.А., д.и.ҳ., профессор, Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор, Шарипов Т.Ш.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Одиназода Носир Садир, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Одиназода Носир Садир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Одиназода Носир Садирро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Шарипов Т.Ш.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, профессор **Гадоев Б.С.**